«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор __________ Раҳмон Д.С.
«14» ____06____ соли 2022

# ХУЛОСАИ

кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ роҷеъ ба диссертатсияи Робияи Абдусамад таҳти унвони «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

Робияи Абдусамад соли 2019 ба шуъбаи докторантураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, онро соли 2022 хатм кардааст. Аз моҳи сентябри соли 2018 ба ҳайси ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият дорад. Ӯ соли 2016 зинаи бакалаври факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва соли 2018 зинаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забони англисӣ хатм намудааст.

Ҳангоми таҳсил дар зинаи докторантура, доктори фалсафа (PhD) дар ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ нақшаи илмиро аз бар намуда, маълумотномаи академиро оид ба фанҳои азбарнамуда ва супоридани имтиҳонҳои маҷмуи (комплексӣ) соли 2020 гирифтааст.

Дар давоми фаъолияти кориаш муҳаққиқ Робияи Абдусамад аз соли 2018 ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ шуда кор карда истодааст.

Роҳбари илмии диссертант доктори илмҳои филологӣ, дотсент Каримов Ш мебошад.

Дар натиҷаи муҳокима чунин ХУЛОСА қабул карда шуд:

Таҳқиқи истилоҳот яке аз масъалаҳои муҳимми илми забоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Истилоҳоти ҳар як забон, новобаста аз

оне, ки кадом забон аст, аксаран таърихи пешин дорад ва дар худ бисёр далелҳоеро нигоҳ медоранд, ки баррасӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо барои ҳаллу фасли минбаъдаи мавзуҳои ҳалталаби боби луғат, бахши калимасозиву калимабандӣ, соҳаи этимология ва амсоли инҳо дорои аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ мебошад.

Маҷмуаи вожаву истилоҳоте, ки миллатҳои гуногуни ҷаҳон дар тули таърихи мавҷудияти худ сохта ва ба кор бурдаанд, ойинаест, ки дар он шеваи зиндагии суннатӣ ва фарҳангу тамаддуни онҳо мунъакис гардидааст.

Бояд гуфт, ки таҳқиқи истилоҳот чун як қабати махсуси лексикология, на танҳо аҳамияти назарӣ, балки аҳамияти амалӣ низ дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши истилоҳоти соҳаи китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ басо муҳим ва саривақтӣ аст. Маводи фаровоне, ки мо дар даст дорем, собит месозад, ки истилоҳоти бахши китобдорӣ зинаҳои махсуси ташаккулу таҳаввулро аз сар гузаронида, дар давоми асрҳои зиёд такмил ёфта ва ба як низоми муайян даромадааст.

Гузашта аз ин, маводи фаровони ҷамъоваришуда ҳамчунин метавонад барои баъзе аз соҳаҳои илмҳои забоншиносӣ, фалсафа, таърих, этнография, этнология низ муҳим ва арзишманд бошад. Дар ин поя, таҳлилу таҳқиқ ва омӯзиши хусусият ва вазифаҳои асосии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври мушаххас аҳамияти муҳим дошта, имкон медиҳад, ки оид ба як ҷузъи забони тоҷикӣ ва англисӣ ва мавқеи он дар низоми воҳидҳои забонии забонҳои муқоисашаванда таҳқиқ ба анҷом расонида шавад. Аз ин рӯ, ба сифати мавзуи таҳқиқи рисолаи мо қарор гирифтани мавзуи мазкур ба нуктаҳои мазкур алоқаманд буда, барои пурра намудани холигиҳои мавҷуда дар таҳқиқу таҳлили истилоҳоти китобдорӣ равона карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

1.Маводи гирдовардашуда оид ба истилоҳоти китобдорӣ дар забоншиносии тоҷик ва англис арзиши баланди илмӣ ва амалиро касб кардааст.

2.Нақши омилҳои дохилӣ ва берунӣ дар ташаккул ва такомули истилоҳоти соҳаи китобдорӣ дар ҳар ду забони муқоисашаванда зимни таҳқиқ ба назари эътибор гирифта шуда, вобаста ба таъсири онҳо дар раванди эҷоди истилоҳоти соҳа хулосаҳои зарурӣ баровардa шудааст.

3.Муайян ва мушаххас намудани роҳу усулҳои асосии истилоҳсозӣ ва роҳҳои корбурди онҳо дар ташаккули истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои илми муосир амри зарурӣ дониста мешавад.

4.Аз нигоҳи таркиби морфологӣ дар ҳар ду забонҳо ҳам, истилоҳоти мураккаб ва таркибӣ афзалият доранд. Дар сарчашмаҳои илмии ба китобдорӣ бахшидашуда, бештар калимаҳое ба назар мерасанд, ки аз ҷиҳати сохтор бисёрҷузъа буда, нисбат ба истилоҳоти сода ва сохта бештар тавсиф мешаванд. Усули вандафзоӣ дар сохтани истилоҳоти мавриди назар дар матнҳои илмӣ оид ба китобдорӣ камтар ба назар мерасанд.

5. Умумият ва тафовути истилоҳоти соҳаи китобдорӣ дар муқоиса ба истилоҳоти дигар соҳаҳо собит мекунад, ки китобдорӣ соҳаи пурмаҳсул ва серҷабҳаи илм буда, теъдоди фаровони истилоҳот ва луғоти касбиро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ фаро мегирад.

6. Баррасӣ ва омӯзиши истилоҳоти соҳаи китобдории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муқаррар намуд, ки миқдори ихтисораҳои забони англисӣ дар соҳаи китобдорӣ нисбат ба забони тоҷикӣ зиёдтаранд.

Мушовири илмӣ–доктори илмҳои филологӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Каримов Шуҳрат.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ рӯзи 24.12. 2019 қарори №5 тасдиқ шудааст.

Ҷаласаи Шурои олимон бо муҳокимаи диссертатсия ба чунин хулоса омад:

Диссертатсияи Робияи Абдусамад дар забоншиносии тоҷик мавзуи нав буда, ҷамъоварӣ, тасниф ва таҳлилу таҳқиқи маҷмуӣ ва низомноки истилоҳотро фаро мегирад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии асосии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки истилоҳоти соҳаи китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори аввал мавриди таҳқиқи алоҳидаи лингвистӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия бори нахуст хусусиятҳои сохторӣ, маъноӣ ва луғавии истилоҳоти фавқуззикр мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта, равишҳои имконпазири ташаккулёбӣ ва рушди минбаъдаи истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки мавзуи мазкур аввалин маротиба дар забоншиносии муосир мавриди омӯзиши мушаххас қарор гирифтааст.

Илова бар ин, арзиши назариву амалии таҳқиқоти анҷомёфта дар он аст, ки натиҷаи истифодаи самаранокии истилоҳоти китобдорӣ, дар раванди таҳсилот, дар китобхонаҳои муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбӣ ва умумӣ, дар муассисаҳои фарҳангӣ, инчунин дар коркард, навишти рисолаҳои илмӣ, семинару конфронсҳои махсус, гузаронидани лексияҳо аз фанҳои грамматикаи муқоисавӣ – таърихӣ, луғатшиносӣ, китобхонашиносӣ, таълифи корҳои илмӣ методӣ, барои мураттабсозии луғатҳои дузабона ва бисёрзабона метавонад замина ва манбаи муфид гардад.

Дар баробари ин, таҳқиқоти мазкур зимни муайян намудани сарчашмаҳои ташаккулёбӣ ва рушди истилоҳоти забони тоҷикӣ ва англисӣ, роҳу усулҳо ва методҳои ташаккули истилоҳот кумак мерасонад.

Арзишу аҳамияти муҳимми илмӣ ва амалӣ доштани истилоҳот боиси он гардид, ки намояндагони риштаҳои гуногуни илму фан ба гирдорварию таҳқиқ ва баррасиву омӯзиши истилоҳот рӯй оваранд.

**Асос ва заминаи илмӣ-назариявии** таҳқиқот аз он сарчашма мегирад, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушд ва инкишофи минбаъдаи назарияи истилоҳоти китобдорӣ, роҳҳо ва манбаъҳои пайдоиш ва ташаккули он, методҳои истилоҳот, асосҳои назариявии забоншиносӣ ҷиҳати пешбурди бахшҳо дар забоншиносии тоҷик ва англис, инчунин барои татбиқи воситаҳо, рушди назарияи умумӣ, омӯзиши қиёсӣ, методологӣ ва типологияи забонҳо мусоидат хоҳад кард. Асосҳои назариявии таҳқиқотро дар асарҳои илмии олимони барҷастаи забоншиносӣ тоҷик ва хориҷи кишвар баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Аз он ҷумла, дар асарҳои Е. И.Шамурин, Н. И.Тюлина, В. В. Сквортсов, Ч. Криер, Т. Брау, Н. Морси, В. И. Ленин, Ф. Спофборд, К. Р. Симон, Л. Б. Хавкина, Т. Чефферсон, Г. Баде, Ч. Баблэ, Л. Гарнетт, К. Патмор, Э. Госс, Р. Проктер, С. Коттон, А.Н. Ванеев, В. И. Соболшиков, И.А. Крилов, М. Дюи, Ч. Кеттер, Ф. Поол, Л. Еллесмера, А. Патинси, Э. Эдвард, А. Эберт, М. Шриттингер, М. В. Ломаносов, А. И. Богданов, Х.А. Чеботарев, В. В. Киприянов, О. Талалакина, И. Владиславович, С. Сулаймонӣ, И. Ҷураев, Ҷ. Раҷабов, М. Каримов, С. Назарзода, С.

Ҷаматов ва дигарон асосҳои назариявиро оиди истилоҳоти китобдорӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Мазмун ва муҳтавои автореферат нуктаҳои асосии диссертатсия ва натиҷаю хулосаҳои онро инъикос карда, пурра бо худи таҳқиқоти диссертатсионӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаб** дар он зоҳир мешавад, ки муҳаққиқ вобаста ба мавзуи таҳқиқотии мазкур 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки ҷанбаҳои гуногуни таҳқиқотро инъикос намуда, арзишмандии онҳо аз ҷониби олимону муҳаққиқони тоҷик эътироф гаштааст. Нуктаҳои назариявӣ, мавод ва натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои байналмилалӣ, конфронсҳои илмӣ-амалии ҳарсолаи ҳайати профессорону омӯзгорони ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров, Ҷумҳурии Қазоқистон ва ғ. (2019 - 2022) инъикос ёфтаанд. Номгӯи мақолаҳои нашршуда ва дигар таълифоти нашрӣ оид ба мавзуъ дар фишурдаи рисолаи илмӣ оварда шудаанд.

Нуктаҳои алоҳида ва натиҷаҳои кори илмии муҳаққиқ дар маҷаллаҳое нашр шудаанд, ки ба номгӯи маҷаллаҳо ва нашрияҳои аз ҷониби Муассисаи давлатии Комиссияи давлатии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда шомиланд.

Натиҷаҳои бадастовардаи довталаб бо ягонагии дохилии диссертатсия ба тасвиб расида, дар намуди робитаҳои байниҳамдигарӣ шакл гирифта, дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва амсиласозиҳои таҳлилу таҳқиқи истилоҳоти китобдорӣ, метавонанд ба рушди назария ва амалияи масъалаҳои забоншиносӣ ва луғатнигорӣ мусоидат намояд.

Таҳқиқоти диссертатсиониро, дар маҷмуъ, мавриди арзёбӣ қарор дода, бояд таъкид кард, ки он кори илмии пурра ба анҷомрасида буда, шахсан аз ҷониби муаллиф иҷро гаштааст.

Рисолаи Робияи Абдусамад таҳти унвони "Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) тавсия дода мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеъ ва муштараки кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ қабул шудааст.

Рисола дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба

номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ муҳокима гардидааст.

Дар овоздиҳӣ 25 нафар ширкат доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 25 нафар, “зид”-нест. Суратҷаласаи №11/4 аз 11-уми июни соли 2022

Раисикунанда:
номзади илмҳои филологӣ: Муродов Б.Р.

Котиб: н.и.ф. Гуламадшоев Ш.Ш

Имзои н.и.ф. Муродов Б.Р. ва Гуламадшоев Ш.Ш-ро
тасдиқ мекунам:

Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06.
www.kgu.tj